ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.05 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Амонов Салохудин аз омилҳои зерин бармеоянд:

- асосноккунии вазифаҳои тарбияи худшиносии миллӣ, ки дар ҷомеаи муосир зарурати амалигардонии онҳо аз талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва стандартҳои таълимии фаннӣ ва барномавӣ-методии зинаҳои таҳсилоти кишвар сарчашма мегирад.
- пешниҳод намудан ва амалӣ гардондани андешаҳои консептуалӣ оид ба истифодаи маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» дар тарбияи худшиносии миллии хонандагони наврас, ки ин марҳилаи синнусолӣ дар тарбия ва шаклгирии шахсияти инсон хусусиятҳои алоҳида дорад;
- ошкор сохтани неруи осор ва мероси адабӣ ҳамчун натиҷаи таҷрибаи таърихӣ-тарбиявии халқи тоҷик, ки тули садсолаҳо таҳия, такмил ёфта дар ҷомеаи кунунии Тоҷикистону тоҷикистониён ҳамчун воситаи тарбияи худшиносии миллии наврасон хизмат карда метавонад;
- омилҳои фарҳангсолорӣ, қонуниятҳои фаъолияти таълимию тарбиявӣ, хусусиятҳои миллӣ, қавмию нажодии инсонро фаро гирифта, онҳо ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори наврасону ҷавонон таъсир мерасонанд ва ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, махсусан, худшиносӣ ва ҳувийяти миллии онҳо таъсир мерасонанд.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ Амонов Салоҳудин худшиносии миллии наврасонро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқот қарор дода, кӯшиш намудааст, то онро ҳамчун системаи бо ҳам алоқаманд ва ягона дар низоми таҳсилот баррасӣ намояд. Чунки муҳити босуръат тағйирёбандаи инкишофи муносибатҳои байни одамон, намояндагони қавму миллатҳои гуногуни муқими Тоҷикистон истифодаи омилҳои фарҳангӣ-этнопедагогӣ, тарбияи хештаншиносӣ, муносибати махсус ва таҳаммулпазириро дар таълиму талаб мекунад. Бояд ҳамаи онҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Тоҷикистон, нигоҳдории муносибатҳои дӯстонаи таърихан муқарраршуда кӯшиш намоянд, онҳоро сайқал диҳанд. Дуруст таъкид карда шудааст, ки дар тарбияи наврасону ҷавонон бояд арзишҳои олии маънавӣ-ахлоқӣ, ғояҳо, равандҳо, падидаҳои иҷтимоии таъсиррасонии мақсадноки тарбияи худшиносӣ истифода бурда шаванд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда, нуқтаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Маълум аст, ки таҳқиқи паҳлуҳои илмӣ, методологӣ ва арзишҳои педагогии фарҳанги халқи тоҷик баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Ин ба муҳаққиқ имконият додааст, ки дар раванди таҳқиқот ба масъалаи мавриди назар аз дидгоҳи иҷтимоӣ, яъне характери фарҳангӣ-таърихӣ доштани мероси адабӣ-бадеӣ, ҷабҳаҳои психологӣ-педагогии он ягонагии асарбахшии мақсадноки тарбиявӣ нигариста, ҳиссиёт, шуур ва рафтори наврасону ҷавононро дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Ҳангоми коркард ва баррасии фарзияи таҳқиқот, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, ҷанбаҳои фалсафӣ-таърихӣ ва шароити психологӣ-педагогии тарбияи хештаншиносӣ ва таъсири омилҳои этнопедагогӣ ба ин раванд таъкид гардида, дар раванди таҳқиқот хусусиятҳои психологию синнусолии инкишофи наврасон ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Роҷеъ ба **навгонии кори таҳқиқотии** Амонов Салоҳудин чунин нуктаҳои арзишмандро арзёбӣ намудан мумкин аст: дар заминаи омӯзишу таҳлили асосҳои назариявӣ-педагогӣ ва методологии тарбияи худшиносии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» муайян карда шудаанд, ки баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии наврасон хеле муҳим аст. Хонандагони хурду наврас давраи гузариши ба худ хоссу муносибро аз сар мегузаронанд. Онҳо ҳар кадом бо хусусиятҳои фардӣ ва ҷинсӣ (писарҳо, духтарҳо) фаъолият намуда, муаррифӣ мегарданд. Исбот гардидааст, ки мероси шифоҳию хаттӣ, шиносоӣ бо қаҳрамонони халқи тоҷик дар ташаккули худшиносию ҳувийяти миллии онҳо аҳмияти махсус дорад. Таҳия ва амалисозии амсилаи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» самарабахшии арзишҳои адабӣ-фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқиии халқи тоҷикро исбот намуда, минбаъд татбиқи чунин роҳу усулро аз тарафи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, волидон, созмонҳои талабагӣ ва ғайраҳо имконпазир мегардонад.

Бояд қайд кард, ки дуруст тақсим кардани вақт барои марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ (аз солҳои 2009 - 2024), таҳлили маводи назариявӣ, асосҳои методологии (ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф), таҷрибаи фарҳангӣ-таърихии халқи тоҷик оид ба тарбияи худшиносӣ, таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ, суханронӣ ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба масъалаҳои рушди маориф, махсусан, тарбияи ватандӯстии насли наврас, таҷрибаи тарбиявии халқ ва зарурияти тарбияи худшиносии насли наврас дар замони муосир муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки кори таҳқиқотии хешро ба анҷом расонад.

Методҳои назариявию амалии интихобгардида ва истифодашуда ба муаллиф имконият додаанд, ки дар раванди пажӯҳиш ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, роҳҳои амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо, хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

**Аҳамияти назариявии** кори таҳқиқотии мазкурро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст, ки донишҳо, тасаввурот, таҷрибаҳои этнофарҳангию этнопедагогиро, ки халқи тоҷик тӯли садсолаҳо ҳосил намудааст ва дар шароити гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз насл ба насл интиқол мешаванд, вобаста ба шароиту имкониятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо таври эҷодӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ дар дарк намудану амалӣ гардондани мафҳуми Ватан, худшиносии миллӣ ватандӯстӣ, донистани асосҳои иқтисодиву сиёсӣ ва ҳуқуқию иҷтимоии давлат, махсуса, дар замони соҳибистиқлолии кишвар хеле муҳим мебошанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ** оид ба тарбияи худшиносии миллӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»-ро метавон дар баробари пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки беохир ба воситаи наворҳои намоишӣ, васоили шифоҳӣ ба шуур, ҳиссиёт, рафтори хурдсолону наврасон, ҷавонону калонсолон таъсиргузор ҳастанд, зарур донист. Ин омилҳо дар муҳити хонавода, муассисаҳои таҳсилотӣ, истифодабарандагони худро интихоб намекунанд, балки худи истифодабарандагон ба онҳо рӯ оварда, вақт ва имкониятҳои донишомӯзӣ, ҳатто саломатии равонию ҷисмонӣ, вақти пурарзиши худро қурбон мегардонанд.

Бинобар ин, таҳқиқот оид ба масъалаи тарбияи ҳисси худшиносию ватандӯстӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» муҳим буда, метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ ва ташаккули ҳиссиёт, тасаввурот, амалу

рафторҳои худшиносию ватандӯстӣ ба таври маҷмуӣ хидмат кунанд. Дар таҳқиқот маҷмуи шароиту имкониятҳои истифодабарии омилҳои этнофарҳангӣ пешниҳод карда шудаанд, аз онҳо омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот метавонанд истифода бурда, сатҳу сифати фаъолияти касбии худро такмил диҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ** аз мавқеи методологию иҷтимоии кори таҳқиқотӣ, интихоб ва таҳлилу баррасии зарурату имконияти тарбияи худшиносии миллии хонандагон аз сӯйи волидону омӯзгорони онҳо ҳосил мегардад. Бинобар ин, муҳаққиқ бо истифода аз методҳои назариявию таҷрибавӣ дар шароити муосири иҷтимоию педагогӣ  тарбия намудани сифати худшиносиро тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»  амалӣ гардонда, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот** дар самтҳои зерин ифода гардидааст: асосноккунии назариявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда аз нигоҳи фалсафӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ. Муҳаққиқ дар рафти иҷрои кори таҳқиқотӣ ба ҷанбаҳои амалии этнофарҳангӣ такя намуда, имконияти онҳоро ҳамчун авомили созанда дар шароити муосири иҷтимоӣ-педагогӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Зарурияти тарбияи худшиносӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ки дар таҳқиқоти мазкур пешниҳод гардидааст, айнивақтӣ буда, он ба таҳқиқу пешрафти масъалаҳои  педагогикаи халқи тоҷик, фарҳанги истифодаи таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихии ниёгон мусоидат менамояд. Омӯзгорони МТМУ, волидони хонандагони наврас метавонанд ба таҳлилу такмили амсилаи пешниҳодшудаи муҳаққиқ бо таври эҷодӣ муносибат ва корбарӣ намуда, дар иҷтимоишавӣ ва тарбияи худшиносии наврасон ба пешравиҳо даст ёбанд гарданд.

Диссертатсияи Амонов Салохудин мувофиқ ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои методӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба зарурати таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумот, навгониҳо ва аҳмияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот додааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», чунин бандҳоро дарбар мегирад: мафҳуми худшиносии миллӣ: ҷанбаҳои

фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогӣ (банди якум); Нақши мероси фарҳангӣ ва таърихӣ дар рушди худшиносии миллии хонадагон (банди дуюм); маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон (банди сеюм).

Ҳувийяти миллӣ яке аз ҷузъҳои хувийяти шахс аст, ки ба мансубияти ӯ ба миллат, фарҳанг ё кишвари муайян робита дорад. Ин хислати фитрии шахсият нест, балки аз огаҳӣ аз фарҳангу забон ва таърихи муштарак бо гурӯҳи муайяни мардум сарчашма мегирад. Ба миллатҳо тақсим шудани инсоният як раванди табиӣ ва мантиқист. Ҳар як миллат дорои вижагиҳои хос ва ҳувийяти муайяне мебошад.

**Боби дуюм** «Шартҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»« оид ба масъалаҳои зерин баҳс мекунад: амсилаи иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» (банди якум); чорабиниҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон (банди дуюм); таҳлил ва арзёбии самаранокии амсилаи иҳтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» (банди сеюм); ва дар охири боб хулосаҳо ҷой дода шудаанд.

Ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфили «Шоҳномахонӣ» метавонад бо ёрии шаклҳои гуногуни кор амалӣ карда шавад, ки ҳар яки онҳо ба дарки амиқи ҳувийяти миллии донишомӯзон, ҷалби фаъол ба мероси фарҳангӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат кунад. Барои расидан ба ин мақсад сохтани амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфили «Шоҳномахонӣ» бамаврид аст.

Муҳаққиқ зарурияти истифодаи омилҳои этнофарҳангиро дар тарбияи худшиносии хонандагон нишон дода, асосҳои иҷтимоии онро вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии кишвар, ки ба тарбияи хештаншиносии насли наврас мусоидат менамоянд арзёбӣ намудааст. Дуруст таъкид гардидааст, ки осори тарбиявии этнофарҳангӣ вижагиҳои характери миллиро, ки дар мардум ташаккул ёфтаанд дар бар мегирад ва самти инсонгароию инсондӯстӣ дорад, онҳо дар қолаби меъёрҳои маънавӣ-ахлоқӣ ҷой гирифта, характери таъсиррасонии маҷмуӣ доранд. Асоси меҳварии фарҳанги миллиро тарбияи миллӣ ташкил медиҳад ва он аз насл ба насл интиқол дода мешавад. Дар ин раванд лафзи модарӣ, муҳити иҳотакарда, тарзи зиндагӣ, ёдгориҳои таърихӣ, санъату ҳунарҳои мардумӣ, одату анъанаҳо, табиати нотакрор,

афсонаю ривоятҳо, панду ҳикматҳо ва ғайра дар маҷмуъ таъсир расонда, эҳсосу идрок ва сифатҳои худшиносию ватандӯстиро тарбия менамоянд.

Таъкид гардидааст, ки тарбияи худшиносӣ на танҳо барои халқу миллат ва кишварҳои хурду бузург, балки тамоми дунё мақсад ва вазифаи миллӣ ва умумибашарӣ дар самти фаъолияти таълиму тарбиявии кулли ниҳодҳои иҷтимоӣ, бояд гардад. Амалӣ гардидани ин равандро зиёд шудани хатарҳои муосир ба ҳаёт, зиндагии инсон дар ҷомеа ва кулли сайёраи Замин талаб мекунад.

Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои илмии фалсафӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, адабӣ-педагогӣ, таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ зарурияти тарбия, ташаккулдиҳии шахсияти ояндасозу бунёдкор, ки иродаи қавӣ, сифатҳои маънавию ахлоқии устувордошта, махсусан, худшиносиро аз айёми кӯдакию наврасӣ таъкид менамояд, ки дар шароити кунунии ҷомеа ва оянда низ ин раванд идома хоҳад ёфт. Мантиқан, таъкид гардидааст, ки ватандӯстӣ категорияи иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ ва фарҳангӣ буда, он сохтори таркибии худро дорад.

Тарбияи худшиносӣ аз оила оғоз гардида, тамоми умр идома меёбад. Минбаъд он дар ҳамкорию ҳамдастии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ идома ва такмил дода мешавад. Муассисаҳои таҳсилотӣ, ки дар онҳо раванди таълиму тарбия дар асоси талаботи Стандартҳои таълимии фаннӣ, нақша ва барномаҳои таълиму тарбиявӣ амалӣ гардонда мешаванд, худшиносиро ҳамчун сифати ахлоқӣ-маънавии наврасон ташаккул медиҳанд.

Дар муқаддима мубрамият, аҳамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту мавзуи он, марҳилаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ дуруст ва қаноатбахш муайян карда шудаанд.

Муҳаққиқ бо назардошти ҳолати воқеии раванди ягонаи ҷаҳонишавӣ ташаккулёбии сифатҳои шахсии одамонро дар нигоҳи тоза бо арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ пешниҳод намудааст. Таъкид гардидааст, ки дарку истифодаи унсурҳои илмӣ-консептуалии тарбияи ватандӯстии наврасон ба ташаккулёбии шахсияти соҳиби ҳиссиёту сифатҳои худшиносию ватанпарастӣ, устувор бо ақидаю андешаҳои инсонгароиву таҳаммулпазирӣ, ҷаҳоншиносию ҷаҳоногоҳӣ мусоидат мекунад. Он аз муҳаббат ба сарзамин, хонавода оғоз гардида аз нигоҳи фалсафӣ минбаъд ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Он дар мазмун ва мундариҷаи фаъолияти шахс маълум мешавад. Дар осори фалсафӣ, адабӣ-педагогии классикони адабиёти тоҷику форс ормонҳои худшиносию ватандӯстӣ бо тарзу услуби хос ва қолаби тафаккури замон ифода гардидаанд. Намунаҳои барҷастаи илмӣ,

таърихӣ, ичтимоӣ ва сиёсии тарбияи худшиносии миллии ақвоми ориёитабор дар мероси бузурги адабию фарҳангии эшон таҷассум ёфтааст, ки «Шоҳномаи» - и безаволи ҳаким Фирдавсӣ яке аз онҳост.

Аз ҷониби унвончӯй ҳамчун воситаи тарбияи худшиносӣ ҳамзамон тавзеҳи асосҳои ичтимоии омилҳои этнофарҳангӣ мавқеи меҳварӣ доштани консепсияи шинохти худ ва атрофиён, муҳаббат ба зиндагӣ, хонаводв ва зодбум дар фарҳанги тарбиятии халқу миллатҳои гуногуни дунё таъкид гардидааст. Арзишмандии ғояҳо, роҳу усул, воситаҳои таъсиррасонии мақсаднок ба тарбия ва ташаккули худшиносии насли наврас аз фарҳанги миллӣ ва таҷрибаи таърихию тарбиявии халқ сарчашма гирифтааст, ки ин гуфтаро осор ва таҳқиқоти олимони шинохтаи тоҷик М.Лутфуллозода, Ф. Шарифзода тасдиқ мекунад.

Аз сӯйи муҳаққиқ таъкид гардидааст, ки дар пайдоиш, рушд, таҳаввули ғояҳои хештаншиносӣ андешапарварони адабиёти форс-тоҷик нақши муҳим гузоштаанд. Вобастаба ба мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш аз ҷониби муҳаққиқ сохтори худшиносӣ ҳамчун категорияи маънавӣ-ахлоқӣ дар зерхати ташаккули дониш, тасаввуроту ҷаҳонбинӣ, ҳиссиёт, муҳаббат ва сифатҳои иродавии характер хеле хуб баррасӣ карда шудаанд ва дар ин раванд нақши волидон ва омӯзгорони МТМУ махсус пайгирӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва дигарон нишон медиҳад, ки худшиносии наврасон на танҳо ба дигаргуниҳои психофизиологӣ (балоғати ҷинсӣ), аз шаклгирии талаботи ахлоқии онҳо бармеояд, балки яке аз аломатҳои ба худ хосси ин марҳилаи инкишофи синнусолӣ худро шинохтан, бо дигарон муқоиса намудан, ба амалҳои худ баҳо додан мебошанд. Дар ин давра ғояҳои ичтимоӣ-сиёсии онҳо зери таъсири муҳити таҳсилотӣ, хонавода, васоити ахбори умум шакл мегиранд ва тезтағйирёбанда мебошанд. Дар таълим ва тарбияи наврасон дар хонавода, мактаб ва ҷомеа созмонҳои талабагӣ, чорабиниҳои тарбиявии беруназдарсӣ ва ғайраҳо таъсиргузор мебошанд, ки дар ташкилу баргузории онҳо наврасон ба муоширату муносибатҳои ичтимоӣ ворид гардида, сифатҳои иродавӣ, донишу тасаввурот худро такмилу тағйир медиҳанд.

Инчунин дуруст таъкид гардидааст, ки масъалаи коркарду истифодаи кулли технологияҳои педагогӣ печида, давомдор ва доимо тағйирёбанда буда, технологияи этнопедагогӣ ҷузъҳои (компонентҳои) методологӣ, ташхисӣ иттилоотии технологияҳои мураккабро дар бар мегирад. Ба андешаи мо боз он вобаста ба объекту предмет, мақсаду мавзуи таҳқиқот, моҳият, принсип ва мазмуни худро дорад. Ҳангоми истифодаи омилҳои этнопедагогию этнофарҳангӣ кӯдакону наврасон худро дар муҳити солиму ҳаловатбахши хонавода ва муассисаи таҳсилотӣ орому осуда ҳис намуда, новобаста аз синну сол эҳсоси камолот ва ифтихор мекунанд, ки дар таснифи муҳаққиқ мақоми вижа дорад.

Ташкилу баргузории суҳбатҳо, пурсишномаҳо бо омӯзгорону волидон ва хонадагон ба муҳаққиқ имконият додааст, нақши мероси адабию фарҳангиро дар тарбияи худшиносии хонандагон муайян намуда, муҳтавои ҷавобҳоро дар ҷадвал пешниҳод намояд.

Дар тарбияи худшиносии наврасон сифатҳое чун ватандӯстӣ, адолатҷӯйӣ, талошҳои донишандӯзӣ, таҳаммулпазирӣ, башардӯстӣ, сарфакорӣ, меҳнатдӯстӣ, меҳмоннавозӣ ва амсоли инҳо ниҳонанд, ки дар фарҳанги миллию этники мавқеи нотакрор доранд.

Ҳангоми ташкилу баргузории таҳқиқот, аз он ҷумла корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ муаллиф ба методҳои таҳқиқотии умумипедагогӣ ва этнопедагогӣ, сарчашмаи таҳқиқоти этнопедагогӣ такя намудааст. Бо мақсади муайянсозии истифодаи маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ва нақши онҳо дар тарбияи худшиносии хонандагон, дар муассисаҳои таҳсилотии пойгаҳӣ бо омӯзгорон, волидони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бо истифода аз пурсишномаҳо муҳаққиқ натиҷаҳои муайянро ноил гардидааст. Ҳангоми таҳлилу баррасии натиҷаҳо синну сол ва таҷрибаи ҳаётии пурсидашуда, сатҳи маълумоту ҷаҳонбинӣ, иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ ва собиқаи оиладорӣ, ҳайати аъзоёи оила ва макони зист (шаҳр, деҳа) ва муҳимтарин дарки зарурияти иҷрои вазифаҳои худшиносӣ дар онҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада дар диаграммаҳо ҷойгузин шудаанд.

Бо мақсади мустаҳкам ва васеъ гардондани донишу маълумоти хонандагон оид ба корномаи қаҳрамонони таърихии халқи тоҷик, амалҳои ҷавонмардонаю ҷоннисориҳо, ғояҳои ватандӯстиву ватанхоҳии онҳо, замону макон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» шаклу роҳҳои фаъолият пешниҳод гардидаанд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯй маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди тарбияи худшиносии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 номгӯй, китобҳои дарсӣ 3 номгӯй, дастурҳои таълимӣ-методӣ 3 номгӯй, мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва нашрияҳои дигар чопшуда 6 номгӯй ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ** ба талаботи КОА ба таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамояд. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда,

оид ба моҳияти кори таҳқиқотии ташкил ва гузаронидашуда, натиҷагирии муҳаққиқ аз он маълумоти аниқ медиҳад.

**Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он:**

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар диссертатсия ва автореферати он ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудааст, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар такмилу давомдиҳии минбаъдаи кори илмӣ ба муҳаққиқ мадад хоҳад расонд. Аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқот ба ҳамкории муассисаи таҳсилотӣ бо оила вобаста ба тарбияи худшиносии хонандагон ва авомили муассир зиёдтар аҳамият дода мешуд, аз аҳамият холӣ набуд. Зеро хонавода ниҳодест, ки асоси ҳама гуна тарбия дар он тарҳрезӣ мегардад.
2. Таҳия ва пешниҳоди амсилаи шароити иҷтимоӣ-педагогии тарбияи худшиносии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» агар каме густурдатар сурат мегирифт, арзиши илмию амалии таҳқиқоти мазкурро бетардид зиёд мекард.
3. Агар ҳангоми таҳқиқот ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва инноватсионӣ, махсусан, маводи намоишӣ, симои ҷавонмардию худшиносию ватандӯстон ва таҳлили онҳо вобаста ба замону макон, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид, пайванди эҳсоси худшиносии дирӯзу имрӯз намоёнтар мегашт.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоию техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба таҳриру ислоҳ ниёз доранд.

Месазад гуфт, ки эродҳои мазкур арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Аз ин рӯ, он кори таҳқиқотии баанҷомрасида ба ҳисоб меравад. Кори диссертатсионии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯйи сохтор тибқи талабот ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва мухтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»»» ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи таҳқиқот Амонов Салохудин сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
директори Муассисаи давлатии таълимии
“Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав” Давлатзода Ҷамила

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735020. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Мирзо Турсунзода, кӯчаи Ч. Уразов14.
Тел: 907950635. E - mail: LKT.Shakhrinav@mail.ru.

20.11.2025

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии таълимии
“Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав” Алиева Сайфимо